Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru; телефони котиби илмӣ: (+992) 935730010

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуҷҷаборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст

Дар шароити рушди муосир, рушди иқтисоди миллӣ бидуни ҷорӣ намудани навовариҳо ва истифодаи механизмҳои инноватсионӣ имконнопазир аст. Бо назардошти он ки соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмон яке аз асосҳои аслии рушди инфрасохтор ва густариши иқтидори саноатии кишвар ба шумор меравад, зарурати модернизатсияи технологӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами истеҳсолоти инноватсионӣ дар ин соҳа бештар эҳсос мегардад. Дар робита ба ин, коркард ва ҷорӣ намудани механизми самараноки инноватсионӣ барои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон, бахусус дар сатҳи минтақавӣ, аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

Муаллифи кори илмӣ бомаврид қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2024 маблағи 53873 млн сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон ба 12666,0 млн сомонӣ расид. Аз ин нишондиҳанда ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмон 3256,6 млн сомониро ташкил медиҳад, ё ин ки ҳиссаи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии вилоят ба 25,7% баробар аст.

Дар ин радиф, вилояти Хатлон аз лиҳози иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ яке аз минтақаҳои муҳимтарини кишвар ба ҳисоб рафта, дорои захираҳои бойи табиӣ, аз ҷумла қум, шағал, гил, гаҷ ва дигар ашёи хом мебошад, ки метавонанд заминаи мустаҳкамро барои рушди саноати масолеҳи сохтмон таъмин намоянд. Вале сарфи назар аз имкониятҳои мавҷуда, ба андешаи муаллиф, аксарияти корхонаҳои соҳа фаъолияти худро дар асоси технологияҳои кӯҳнашуда пеш мебаранд, ки ин на танҳо ба коҳиши самаранокии равандҳои истеҳсолӣ оварда мерасонад, балки рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ заиф месозад. Рӯз ба рӯз зарурати механизмҳои пешрафта, ки қодиранд истеҳсолотро ба сатҳи усулан нав бароранд, бештар эҳсос мегардад. Инноватсияҳо дар соҳаи масолеҳи

сохтмон васеъ тафсир меёбанд, ин на танҳо таҷҳизо-нидани техникии дубора, балки азнавсозии равандҳои идоракунӣ ва оптимизатсияи истифодаи захираҳои маҳаллӣ низ мебошад.

Албатта ба мисли дигар таҳқиқотҳои илмӣ, дар баробари барта-риятҳои автореферат, хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ таваҷҷуҳ менамуд:

Дар боби 3-юми автореферати диссертатсия (с. 34), муаллиф дур-намои истеҳсоли масолеҳи сохтмониро барои то соли 2030 дар вилояти Хатлон овардааст. Аз нигоҳи мо хубтар мешуд, агар муаллиф сарчашмаи сармоягузориҳоро мушаххастар нишон медод, ки аз кадом сарчашмаи маблағгузорӣ истеҳсоли масолеҳи сохтмониро то соли 2030 дар мисоли объекти таҳқиқшаванда амалӣ намудан мумкин аст.

Вале, пешниҳоди зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмун ва мундариҷаи илмии авто-рефератро паст карда наметавонад ва ба боварӣ гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсия, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо дар сатҳи даркорӣ таҳия гардидаанд.

Дар маҷмуъ, автореферат дар мавзуи «Ташаккули механизми руш-ди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон»), аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, ки таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Абдуҷҷаборзода Дилором Абдуҷаббор арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.4. -Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

Тақризиҳанда,
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба таълими
Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Н.Хусрав Ҳамдамзода Х.А.

Имзои д.и.и, профессор Ҳамдамзода Х.А-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Н.Хусрав Исҳоқзода М.М.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. btsu78@mail.ru
Телефон: +992 3322) 2-45-20, 2-22-53.
«15» 10 2026 сол.